**ХУЛОСА**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-108 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсия Казокзода Умеда Ҳурматулло дар мавзуи “Ташаккул ва рушди иқтисоди “сабз” дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050612 – Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ.**

«12» 08 соли 2026 ш. Душанбе

Комиссияи экспертии Шурои диссератсионии 6D.КОА-108 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов С.А. – раиси комиссия, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Нурализода Э.Н.- аъзои комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Садриддинов М.И. аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Казокзода Умеда Ҳурматулло хулосаи зеринро қабул намуд:

**I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ**

Довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) Казокзода Умеда Ҳурматулло ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи банди 17-и “Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва банди 18-и “Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267”), мувофиқат мекунад.

Казокзода Умеда Ҳурматулло 24-уми июли соли 1996 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Казокзода Умеда Ҳурматулло соли 2015 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро аз руйи ихтисоси кори бонкӣ бо дипломи (дараҷаи бакалавр) таҳсил намуда, соли 2020 хатм намудааст. Соли 2020 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шуъбаи магистратура аз рӯйи ихтисоси - танзими давлатии иктисоди миллӣ дар тобеияти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатари иқтисодӣ таҳсил намуда, донишгоҳи мазкурро соли 2022 хатм кардааст. Баъд аз хатми магистратура аз 1.10.2022 таҳти № 375-05 ба докторант (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт дар тобеияти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба таҳсил оғоз намуда, онро соли 2025 (фармоиши ректори Донишгоҳ аз 25.08.2025с таҳти №253-05) хатм кардааст.

Казокзода Умеда Ҳурматулло фаъолияти кориашро солҳои 2020 то 2024 дар факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси коргузор оғоз намудаст.

Номбурда аз соли 2025 то инҷониб дар филиали №14-и Корхонаи воҳиди давлатии Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” дар шаҳри Ваҳдат ба ҳайси иқтисодчии дараҷаи 2 оид ба қарз фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Казокзода Умеда Ҳурматулло дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти суратҷаласаи № 3 аз 28-уми октябри соли 2022 баррасӣ ва тасдиқ гардида, роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, докторанти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тағоев Баҳром Дустмаҳмадович таъин гардидааст.

Мувофиқи нақшаи таълимии шуъбаи омодакунии кадрҳо ва кадрҳои илмӣ-педагогӣ, аз тарафи докторант (PhD) 180 кредит аз худ шудааст ва имтиҳони ниҳоиро бо муваффақият супоридааст.

Диссертатсия аз рӯйи ихтисоси 6D050612. - Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ, иқтисод ва идораи КАС-и факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба таври ошкоро аз “26” июни соли 2025, суратҷаласаи №11 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбӣ, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**II. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ**

Диссертатсияи Казокзода Умеда Ҳурматулло дар мавзуи “Ташаккул ва рушди иқтисоди “сабз” дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050612 – Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда бо бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқ буда ва дорои аҳаммияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисод мусоидат менамояд.

**III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд.**

Муқарароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия 12 кори илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ боэътимод мебошанд.

**IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳои носаҳеҳ**

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқараршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд;

маводҳо шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

**V. Комиссия пешниҳод менамояд:**

1. Диссертатсияи Казокзода Умеда Ҳурматулло дар мавзуи "Ташаккул ва рушди иқтисоди "сабз" дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050612 – Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ пешниҳод шудааст, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ қабул карда шаванд:

- Досиев Маҳмадшох Назарович – доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон;

- Комилзода Низомуддин Бегаҳмад – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва қарзи МТ "Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ".

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Мирсаидов С.А.

**Аъзоёни комиссия:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Нурализода Э.Н.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Садриддинов М.И.